Агар чунин бошӣ, ки мегӯӣ, гӯё хокистардоғро ба эшон мехӯронӣ (яъне, эшон гунаҳгор мешаванд) ва то ҳамин тавр бошӣ, ҳамеша Худованд туро бар эшон ёрӣ хоҳад дод

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Марде гуфт: Эй Расули Худо! Ман наздиконе дорам, ки бо онҳо робита дорам, вале онҳо бо ман қатъи робита менамоянд, ба онҳо некӣ менамоям, вале онҳо бо ман бадӣ мекунанд. Дар баробарашон ҳилму бурдборӣ менамоям, вале онҳо бо ман ҷоҳилона рафтор менамоянд. Он Ҳазрат (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Агар чунин бошӣ, ки мегӯӣ, гӯё хокистардоғро ба эшон мехӯронӣ (яъне, эшон гунаҳгор мешаванд) ва то ҳамин тавр бошӣ, ҳамеша Худованд туро бар эшон ёрӣ хоҳад дод."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Марде назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шикоят кард, ки ӯ хешовандоне дорад, ки бо онҳо бо некӣ муносибат мекунад, вале онҳо бо ӯ ба бадӣ рафтор мекунанд. Ӯ бо онҳо робита барқарор мекунад, вале онҳо бо ӯ қатъи робита мекунанд. Ӯ ба онҳо бо некӣ ва вафодорӣ муносибат мекунад, вале онҳо ба ӯ бо зулму сардӣ муносибат мекунанд. Ӯ дар баробари бадиҳояшон таҳаммул мекунад, мебахшад ва онҳо нисбат ба ӯ бо сухан ва рафтори бад муносибат мекунанд. Оё ӯ бояд бо вуҷуди ин ҳолатҳо муносибаташро бо онҳо идома диҳад? Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ӯ гуфт: Агар ҳолат чунон ки гуфтӣ, ҳамон хел бошад, ту онҳоро дар назди худашон хору кӯчак намудай. Гӯё ба онҳо хокистари сӯзон мехуронӣ, зеро некиҳои ту бисёр аст ва рафтори бад ва зишти онҳо дар назари худи онҳо бад аст. Ҳамвора аз ҷониби Худованд пуштибонӣ ва ҳимоят дар баробари онҳо дарёфт хоҳи намуд, то вақте ки ту ба некиҳои худ бо онҳо идома медиҳӣ ва онҳо бо ту дар бадрафторӣ мемонанд.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3863